Суратҷаласаи №2 (такрорӣ)

баргузории ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-47 оид ба ҳимоя пешниҳод намудани рисолаи номзадии Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна дар мавзӯи “Ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти олии касбии педагогӣ” (дар асоси маводи омӯзиши забони англисӣ) аз санаи 21 июни соли 2021.

***Раис:*** Аз теъдоди 11 аъзоёни шурои диссертатсионии 6D.КОА-47 барои дарёфти дараҷаи илмии доктор ва номзади илмҳои педагогии назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ки аз тарафи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо фармоиши №125 аз 8 апрели соли 2022 тасдиқ гардидааст, 8 нафар иштирок доранд, аз инҳо 5 нафар докторҳои илм аз руйи соҳаи диссертатсия. Пешниҳодҳо оид ба оғози ҷаласа?

Пешниҳод карда шуд, ки ба оғози кор шурӯъ намоем. Оид ба тарафдории оғози ҷаласа овоз диҳед: Тарафдор-8, зид – нест, бетараф - нест. Қарор бо як овоз қабул карда шуд.

***Рӯзнома:***

Ба ҳимоя пешниҳод намудани рисолаи номзадии Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна дар мавзӯи “Ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти олии касбии педагогӣ” (дар асоси маводи омӯзиши забони англисӣ).

Хоҳишмандам, барои тасдиқи рӯзнома овоз диҳед.- Бо як овоз қабул карда шуд.

***Раис:*** Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна рисолаи номзадии худро дар мавзӯи “Ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти олии касбии педагогӣ” (дар асоси маводи омӯзиши забони англисӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08.- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ барои баррасӣ пешниҳод намудааст. Кори тадқиқотӣ такроран барои ҳимоя пешниҳод мешавад.

***Раис:*** Сухан ба мушовири илмии рисолаи номзадии Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Маҷидова Бибиҳафиза дода мешавад.

***Маҷидова Б.:*** Рисолаи номзадии Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна куллан аз нав коркард карда шуд, номи мавзӯъ ва мазмуни кор низ тағйир дода шуд, автореферат ба забони тоҷикӣ ва русӣ омода шудааст, рисола ба забони тоҷикӣ омода шудааст, маводҳои чопӣ таҷдиди назар гардид. Бештар на ба миқдор, балки ба сифати маводҳо диққати ҷиддӣ дода шуд, маводҳои мубрам ба рӯйхат дохил гардиданд. Кори тадқиқоти арзишманд аст ва бояд дастгирӣ карда шавад.

***Раис:*** Мо бояд комиссияи комиссияи экспертӣ, муассисаи пешбар ва муқарризони расмиро таъин намоем.

Пешниҳод гардид, ки ба ҳайси комиссияи экспертӣ таъин карда шаванд:

***Раҷабов Тағоймурод Бобоқулович-*** доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ

***Байдуллоев Аъзамҷон-***номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забонҳои англисӣ

***Рамазонова Раҷабгул-*** номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогир

Хоҳишмандам, барои таъин гардидани комиссияи экспертӣ овоз диҳед.
- Бо як овоз қабул карда шуд.

Пешниҳод гардид, ки ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

***Раҳимзода Хуррам-*** доктори илмҳои педагогӣ, профессор, АТТ ҶТ.

***Қаршиева Гулҷаҳон -*** номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, ДДБ ба номи Н.Хусрав таъин карда шаванд.

***Муассисаи пешбар*** - Донишкадаи забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода таъин карда шавад.

***Раис:*** Хоҳишмандам, барои таъин гардидани муассисаи пешбар ва муқарризони расмӣ овоз диҳед. Тарафдор-8, зид – нест, бетараф - нест. Қарор бо як овоз қабул карда шуд. Ташаккур.

Бояд санаи дифоъи рисолаи Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна муайян карда шавад. Чӣ гуна пешниҳодҳо ҳастанд?

***Раис:*** Пешниҳод гардид, ки санаи дифоъи рисолаи номзадии Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна 29 октябри соли 2022 таъин карда шавад. Хоҳишмандам, овоз диҳед.

Тарафдор?-8 нафар

Зид? – Нест.

Бетараф? - Нест.

Қарор бо як овоз қабул карда шуд.

***Раис:*** Ташаккур. Бо ҳамин ҷаласаи шурои диссертатсионӣ оид ба ҳимоя пешниҳод гардидани рисолаи номзадии Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна пӯшида эълон мешавад.

Раиси
шурои диссертатсионӣ Сайфуллоев Х.Ғ.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ Обидова М.И.